«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И.
___________________
«___» ___08_____ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 –Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт).

Диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ » аз ҷониби Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст.

Ализода Ҳуснигули Соҳиб 18 августи соли 1990 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2013 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолии аграрӣ хатм намудааст.

Солҳои 2015-2020 ҳамчун ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2022 ҳамчун муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ фаъолият менамуд.

Аз моҳи августи соли 2022 дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии факултети Иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муаллими калони кафедра фаъолият менамояд.

Аз соли 2016 то соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи августи соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 26 феврали соли 2021, суратҷаласаи №8 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Азизов Шоазиз Самиевич– дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва таърихи фалсафаи илм - 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

Унвонҷу оид ба мавзуи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» хулосаҳои зерин баровара шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия;**

Рушди ҷомеаи инсонӣ бо рушди маориф робитаи ногусастанӣ дорад. Маориф нерӯи асосии тағйирдиҳандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт буда, ба рушди тамоюлоти мусбати онҳо таъсири ҳалкунанда расонида, насли наврасро ба ҳалли масъалаҳои замони муосир омода месозад. Аз тарафи дигар, маҷмуи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, дар соҳаи маориф инъикос меёбад. Дар маҷмуъ, маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад. Нақш ва аҳамияти соҳаи маориф дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ки, рӯ ба афзоиш ниҳодааст, таърихию истисноӣ буда, ҳар гуна ислоҳот ва дигаргунӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, маҳз аз ҳамин соҳа ибтидо мегирад. Зеро дар иқтисодиёти мамлакат дар ин марҳилаи нави рушд таваҷҷуҳи махсус ба роҳи инноватсионии рушд зоҳир карда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030 таъкид карда мешавад, ки дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди босуботи мамлакат бидуни истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст. Ба сифати омили асосии чунин тамсилаи инкишоф метавонанд, танҳо сармояи инсонӣ ва ҷузъҳои асосии низом ташкилкунандаи он маориф ва илм ҳамчун шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бошанд. Дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда нақши калидиро пеш аз ҳама, ба соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун бахши муҳими иқтисодиёти мамлакат, ки он мустақиман ба тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна сару кор дорад, тааллуқ дорад.

Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро мубрам арзёбӣ меёбад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2016-2022 аз рӯйи мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ” иҷро гардидааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ ва таъмини усули таҳияи воситаҳо ва механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муалллиф ба даст омада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Мафҳуми низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона тавсиф шудааст, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он ниҳон аст ва дар мустақилияти нисбии низом, дар хусусияти хоси сохт ва вазифаҳои он, роҳи инфиродии рушд ифода ёфта, дар таркиб, сохтор, мақсадноки муқаррар карда мешавад ва мавҷудияти тобеият байни унсурҳои низом, зинанизомӣ, мураттаб будани онҳо, мавҷудияти алоқаҳои низом бо муҳити беруна зоҳир мешавад.

2. Муаяйн карда шудааст, ки идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, аммо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки бо усулҳои гузориши мақсадҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ноилшавӣ ба онҳо дар шароити мушаххаси раванди муташаккили таҳсилотӣ муайян шудаанд; мутаносибан, ду объекти идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбиро ҷудо намудааст: а) объекти идоракунӣ равандҳои таҳсилотӣ ва шароити онҳоро таъминкунандаи барномавию методӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ; б) ба сифати

объекти идоракунӣ худи тағйирот дар мазмун, ташкил ва технологияҳои раванди таҳсилотӣ, ки бо мақсади афзун гардонидани нерӯи таҳсилотӣ, баланд бардоштани самаранокии он хизмат мекунанд.

3. Дар асоси таҳлили фаъолияти низоми таҳсилоти миёнаи касбии кишвар ва кори механизмҳои идоракунии он муайян намудааст, ки айни замон тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва тағйир ёфтани сохтори иқтисодӣ дар саноат ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсири бевосита расонидаанд. Дар натиҷаи тағйироти мунтазам дар иқтисодиёт дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ равандҳои манфии зерин пайдо шуда, инкишоф ёфтаанд: а) паст шудани сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳои раванди таҳсилотӣ, маблағгузории ғайрисамараноки соҳаи иҷтимоӣ ба бадшавии назарраси заминаи моддии соҳа боис шуд; б) низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, ки бо сохтори амалкунандаи иқтисодиёт муайян шудааст, дар сатҳи кофи мувофиқат намекунад, дар бозори меҳнат шумораи зиёди мутахассисон дар соҳаи иқтисод ва ҳуқуқшиносӣ ташаккул ёфтааст; дар айни замон, муҳандисон, мутахассисони ихтисосҳои техникии дорои тахассуси мувоффиқ ба шумораи кам тайёр карда мешаванд; в) сатҳи пасти ҳамгироии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, илм ва истеҳсолот, тамоюли коҳиш ёфтани фаъолияти инновасинии дохилимуассисавии нерӯи кадриро дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад ва набудани кори ҷиддии илмиву таҷрибавӣ бо донишҷӯён, ки боиси паст шудани сифати тайёр кардани мутахассисон гаштааст.

4. Дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ омилҳои ба он таъсиррасон вобаста ба мазмуну мундариҷа, соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири арза ва тақозо, зинаҳои фаъолияти иқтисодӣ бо истифода аз услулҳои гуногуни таҳлили қитисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

5. Пешниҳод карда шудааст, ки дар марҳилаи нави рушди мамлакат зарурати татбиқи равишҳои барномавӣ-мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касби, ки дар низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос меёбаду аз муносибати танги соҳавӣ даст кашида, таҳкими хусусияти байнисоҳавии он меафзояд, ба миён омадааст. Алгоритми тахия ва амалисозии барномавӣ-мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст пешниҳод шудааст.

6. Модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ- таҳсилотӣ дар (функсионалӣ-меҳвар, иттилоот – меҳвар) низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва алгоритми татбиқи он, ки аз марҳилаҳои мақсадгузорӣ, интихоби стратегияи рушди низом, таҳияи равандҳое, ки ба ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда нигаронида шудаанд, тамсиласозии ҷараёнӣ, ки ба таҳқиқ ҷараёнҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва дигар нигаронида шудааст ва ғайраҳо пешниҳод карда

шудааст; роҳҳои такмили механизмҳои идоракунии захиравии муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муқарароти муаллифии мафҳуми низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он, созиши таркиб, сохтор, мақсадноки зоҳир мешавад.

- муаяйн карда шудааст, ки идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, аммо, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад;

- муайян шудааст, ки айни замон тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва тағйир ёфтани сохтори иқтисодӣ дар саноат ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсири бевосита расонидаанд ва тамоюли манфиро низ боис гаштанд, ки зарурати такмили идоракунии низоми таҳсилоти касбиро ба миён овардааст;

- омилҳои ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсиррасон бо истифода аз услулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ муайян карда шудаанд;

- пешниҳод карда шудааст, ки дар марҳилаи нави рушди мамлакат зарурати татбиқи равишҳои барномавӣ-мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низомҳои муракаби таҳсилоти касби, ки дар низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос меёбаду аз муносибати танги соҳавӣ даст кашида, таҳкими хусусияти байнисоҳавии он меафзояд, ба миён омадааст;

- модели идоракунии рушди инфрасохтори инватсионӣ- таҳсилотӣ дар (функсионалӣ-меҳвари, иттилоот – меҳвар) низоми таҳсилоти касбӣ ва алгоритми татбиқи он пешниҳод ва роҳҳои такмили механизмҳои идоракунии захиравии муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касби асоснок карда шудааст.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Ализода Ҳ.С. Вазъи муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). - С. 61-68. ISSN 2707-9996.
[2-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди иқтисодии маълумоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, Д.М. Аюбов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). – С.57-61. ISSN 2707-9996.
[3-М]. Ализода Ҳ.С. Масъалаҳои рушди иқтисодии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода // Идоракунии давлатӣ. 2022. № 4/1 (58). – С. 193-205. ISSN 2664-0651.
[4-М]. Ализода Ҳ.С. Арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, И.Б. Амаков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. №3. - С. 68-76. ISSN 2413-5151.
[5-М]. Ализода Х.С. Методологические и методические вопросы оценки образовательных услуг / Х.С. Ализода // Вестник педагогического университета. 2020. № 3-4. – С. 49-57. ISSN 2707-9996.
[6-М]. Ализода Ҳ.С Арзёбии вазъи воситаҳои идоракунии равандҳои таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2020. № 3-4. – С.68-76. ISSN 2707-9996.
[7-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди системаи маориф чун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ / Ҳ.С. Ализода, Ш.С. Азизов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2016. № 2 (52). – С. 97-102. ISSN 2075-9584.

Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:

[8-М]. Ализода Ҳ.С. Механизмҳои идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 – солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ба ифтихори қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2021. - С. 63-65.
[9-М]. Ализода Х.С. Система управления качеством человеческих ресурсов / Х.С Ализода, Ш.С. Азизов, Д.Авгонзода, Дж.Гафорзода, Б.Бокилов / Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Актуальные проблемы и перспективы развития научных исследований», г. Орлеан, Франция, 7-8 мая 2021г. [электронное здание] https://ojs.ukrlogos.in.ua/index.php/interconf/article/view/12360.
[10-М]. Ализода Х.С. Содержание и структура управления развитием системы среднего профессионального образования в профессиональной системе / Х.С. Ализода, М.Б Самиева // Материалы XX международной научно-практической конференции. г. Санк – Петербург, Россия – 16.09.2022. [электронное здание] https://ptscience.ru/conferences/conf-20/ №2582472116552.

**6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» дар ҷараёни

таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти мақомотҳои идоракунии соҳаҳои хизматрасонӣ истифода бурд.

**7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ;**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ метавон истифода бурд, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт); шунидани тақризи роҳбари илмӣ –н.и.и дотсент Азизов Ш.С.; баромади номзадҳои илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Расулов Ғ. ва Ойматов Б.Ш., баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014, маҷлиси кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб,

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 –Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳии давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳи 19 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 19 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 26-уми августи соли 2023, суратҷаласаи №1 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа**
**мудири кафедраи**
**Иқтисодиёт ва идоракунии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.и., дотсент** **Ғафорзода Ҷ.Ғ.**

**Котиб:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт
ва идоракунии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Самиева М. Б.

**Имзоҳои Ҷ. Ғ. Ғафорзода ва М.Б. Самиева-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода А.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС